آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

26 июли соли 2025
Шанбе
№ 60 (15175)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru


# МУАРРИФИИ РАВИШҲОИ НАВ ОИД БА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ВА ТАЪЛИМИ КАСБӢ

***Президент Шавкат Мирзиёев бо муаррифии равишҳои нав оид ба таъмини шуғли аҳолӣ ва таълими касбӣ шинос гардид.***

Соли ҷорӣ дар ин самт тибқи таҷрибаи хориҷӣ равишҳои нав роҳандозӣ шуданд. Бонкҳо ба маҳаллаҳо вобаста гардида, дар таъмини шуғли аҳолӣ саҳм мегузоранд. Бахусус, дар нимсолаи аввал беш аз 3 миллион нафар аҳолӣ ба меҳнати даромаднок ҷалб карда шуданд.

Системае, ки барои кам кардани сатҳи камбизоатӣ таъсис дода шудааст, инчунин, маблағҳои сарфшуда самараи худро дода, бино ба ҳолати 1 июли соли равон, сатҳи камбизоатӣ 6,8 фоизро ташкил кард.

Дар афзунсозии таъмини шуғли аҳолӣ сифати таҳсилоти касбӣ аҳамияти калидӣ дорад. Дар ин самт, тавсеаи ҳамкорӣ бо кордиҳандагон, ба сатҳи нав баровардани такмили ихтисос, инчунин, таъмини иштироки бахши хусусӣ талаб карда мешавад. Ба эҳтиёҷоти бозори меҳнат номувофиқ будани таълими касбӣ дар тайёр кардани кадрҳо боиси ба миён омадани мушкилоти муайян мегардад.

Баъзе меъёри муносибатҳои меҳнатӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ, бахусус корхонаҳои хурд монеа эҷод мекунанд. То ҳол дар ҷараёни қабул ба кор аз имконоти технологияҳои иттилоотӣ пурра истифода намешавад.

Инчунин, талаботи ҷорӣ корфармоёнро барои эълони расмии ҷойҳои кории холӣ ҳавасманд намекунад. Дар натиҷа, ин боиси пинҳон кардани маълумот шуда, имконияти таҳлили дурусти бозори меҳнат ва муайян кардани самтҳои таълими касбиро маҳдуд месозад.

Дар муаррифӣ роҷеъ ба нақша ва ташаббусҳои нав, ки ба ҳалли ин мушкилот нигаронида шудаанд, маълумот дода шуд.

Мутобиқи он, мақомоти меҳнатӣ бояд ба сохторе табдил дода шаванд, ки на ба корфармоён ҷазо таъин кунанд, балки ҳамчун ҳамкор бояд ба онҳо хидмат намоянд.

Бахусус, бекор намудани чораҳои ҷазо барои тақдим накардани маълумоти хатмӣ дар бораи ҷойҳои холии корӣ аз ҷониби корфармоён ва ба кор нагирифтани номзадҳои фиристодашуда пешниҳод мегардад. Бо ин роҳ, мақомоти шуғл аз кордиҳандагон маълумоти воқеӣ ва дақиқро ҷамъоварӣ намуда, шаҳрвандони корҷӯро ба онҳо равона мекунанд. Ба кор қабул кардан ё накардани номзадро бошад, корфармо худ ҳал менамояд.

Барои татбиқи ин низом, платформаи махсуси электронӣ таҳия гардида, нахуст дар шаҳри Тошканд ҳамчун таҷриба роҳандозӣ мегардад ва баъдан дар саросари мамлакат татбиқ мешавад.

Ҳамзамон, вакансияҳое, ки пайдо кардани мутахассис дар онҳо мушкил аст, ба самтҳои асосии таҳсилоти касбӣ табдил дода шуда, барои ташкили мақсадноки равандҳои омодагӣ хидмат мекунад.

Бо мақсади минбаъд беҳтар кардани сифати таълими касбӣ, ҷалби намояндагони бахши хусусӣ ба фаъолияти марказҳои малакаҳои касбӣ ва ба масканҳои таълимии ба соҳаҳои мушаххас ихтисосонидашуда табдил додани баъзе марказҳо дар назар аст.

Дар назди масъулон вазифа гузошта шуд, ки таҳсилоти касбиро ба низоми сезинавӣ табдил диҳанд. Аз ҷумла, аз рӯйи роҳандозии дарсҳои видеоии ройгон тавассути интернет, фароҳам овардани имконият барои бозомӯзӣ ё такмили ихтисос барои шаҳрвандони коргар тавассути «ваучери касбӣ» дастур дода шуд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки омодасозии кадрҳои соҳибихтисос яке аз омилҳои муҳимтарин дар коҳиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

**ЎзА.**

***Ташаббуси Президент – дар амал***

# БА УРГУТ ПОЕЗД МЕРАВАД

***Имрӯз расидан ба ҳар гӯшаи кишварамон чандон душвор нест. Ҳатто ба минтақаҳои дурдасти биёбониву кӯҳӣ низ метавон бо мошин, қатора, чархбол ё ҳавопаймо сафар кард.***



Солҳои охир кушодашавии хатсайрҳои нави ҳавоӣ, кашидани роҳҳои оҳан, сохтмони роҳу пулҳои нав барои ин шароит муҳайё мекунад.

Ҳамин гуна ташаббусҳои созанда дар ноҳияи Ургути вилояти Самарқанд низ амалӣ мешаванд – дар ин ҷо сохтмони хати нави роҳи оҳан идома дорад.

Дар маҷмӯъ, дар ноҳияи Ургут бо ҳамлу нақл мушкиле вуҷуд надорад, ҳатто дар байни саҳроҳо ва кӯҳистон низ инфрасохтори роҳ мавҷуд аст. Вале як масъала вуҷуд дорад: дар шароити афзоиши босуръати ҳаҷми тиҷорат ва истеҳсоли саноатӣ, соҳибкорони ургутӣ ба роҳҳои қулай ва зудтари логистикӣ барои содироти маҳсулот ва воридоти таҷҳизот ва технологияҳои зарурӣ ниёз доранд. Президенти кишвар ба ин мушкил таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пешниҳод карданд, ки хати роҳи оҳан ба Ургут кашида шавад. Имрӯз ин нияту ташаббуси нек муваффақона татбиқ шуда истодааст.

Шохаи нави роҳи оҳан, ки тӯлаш 55 километрро ташкил медиҳад, тибқи нақшаи генералии Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Тоштемирйўллойиҳа» бо дарназардошти ҳалли муҳандисии муосир сохта мешавад.

Шохаи нави роҳи оҳан аз ҳудуди шаҳри Самарқанд оғоз ёфта, аз наздикии корхонаи «MAN» дар ноҳияи Ҷомбой гузашта, роҳи автомобилгарди 4Р-238-ро бурида мегузарад ва қад-қади дарёи Зарафшон ба ноҳияи Ургут мерасад.

– Бар асоси қарори дахлдори Президентамон, моҳи феврали соли ҷорӣ сохтмони роҳи оҳан, ки шаҳри Самарқандро бо ноҳияи Ургут мепайвандад, оғоз гардид, – мегӯяд муҳандис-технологи Маъмурияти сохтмони сармоявии Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» Дилшод Тӯлаганов. – Лоиҳа ду истгоҳи роҳи оҳан, ду пули оҳанубетонӣ ва 55 километр роҳи оҳанро дар бар мегирад. То имрӯз дар истгоҳҳои Ҷартепа ва маркази ноҳияи Ургут 65 фоизи корҳои сохтмонӣ анҷом ёфта, дар масофаи 34 километр роҳҳои оҳан хобонда шудаанд. Дар ду пули сохташаванда низ корҳои сохтмонӣ ба 85 фоиз расидаанд. Дар ин сохтмон беш аз 100 техника ва зиёда аз 300 коргару мутахассис ҷалб шуда, корҳо шабонарӯзӣ идома доранд.

Ду вокзал бесабаб сохта намешавад. Истгоҳи Ҷартепа дар наздикии сарҳади Тоҷикистон сохта мешавад (масофа ҳамагӣ 500 метрро ташкил медиҳад) ва дар оянда барои шаҳрвандони кишвари ҳамсоя имконияти сафар ба кишвари мо бо роҳи оҳан ва расидан ба дигар минтақаҳои дилхоҳро фароҳам меорад. Илова бар ин, он ба афзоиши ҳаҷми мубодилаи мол миёни ду кишвар мусоидат хоҳад кард. Барои ин, дар ҳудуди истгоҳҳои Ҷартепа ва Ургут марказҳои бузурги қабулу ирсоли бор ташкил карда мешаванд. Яке аз ҳадафҳои асосии кашидани роҳи оҳан ба Ургут низ маҳз ҳамин – фароҳам овардани имконият барои содироти маҳсулоти соҳибкорони ноҳия ба хориҷ тавассути роҳи оҳан аст.

Ба гуфтаи масъули сохтмон, агар корҳо ҳамин тарз идома ёбанд, татбиқи лоиҳа дар моҳҳои август – сентябри соли ҷорӣ ба анҷом мерасад. Солҳои оянда ин шохаи роҳи оҳан барқӣ гардонда мешавад.

– Дар сохтмони ин иншоот кормандони истгоҳи мо, инчунин марказҳои минтақаи роҳи оҳани Бухоро, Қӯнғирот, Тошканд ва Қӯқон чанд моҳ боз заҳмат мекашанд, – мегӯяд муовини роҳбари истгоҳи мошинҳои роҳи оҳани №166-и Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» Абдушукур Холназаров. – Бо кӯмаки онҳо шабонарӯзӣ то 2,5 километр роҳ хобонда мешавад ва айни замон дар километри 34-уми ин шоха корҳои сохтмонӣ идома доранд. Агар ҳамааш тибқи нақша пеш равад, дар рӯзҳои наздик роҳҳои оҳан то истгоҳи Ургут хобонда шуда, сохтмони хати роҳи оҳане, ки Самарқандро бо Ургут мепайвандад, ба анҷом мерасад. Ин роҳи оҳан, ки бо ташаббуси роҳбари давлатамон сохта мешавад, на танҳо барои ноҳияи Ургут ва вилояти Самарқанд, балки барои тамоми иқтисодиёти кишвари мо як лоиҳаи умедбахш аст ва мо аз саҳм гузоштан дар он ифтихор мекунем.

Ҳоло роҳҳои оҳан ба истгоҳи Ҷартепа кашида шудаанд ва дар худи истгоҳ сохтмон аз ҷониби коргарони Корхонаи унитарии механиконидашудаи Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» идома дорад.

Истгоҳи роҳи оҳани Ургут бошад, дар таърихи шабакаи роҳи оҳани кишвар ҳамчун нахустин иншооте ба қайд гирифта мешавад, ки аз ҷониби як соҳибкори хусусӣ бунёд мегардад.

– Омадани роҳи оҳан ба Ургут барои мо – соҳибкорон як имконияти хеле бузург аст, – мегӯяд роҳбари Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «SamNegin»-и ноҳияи Ургут, Анвар Темиров. – Зеро агар имрӯз мо хоҳем, ки бор аз хориҷ ворид кунем ё маҳсулоти истеҳсолкардаамонро тавассути роҳи оҳан ба хориҷ содир намоем, маҷбур мешавем онро бо мошинҳо ба истгоҳҳои роҳи оҳани Самарқанд ё Зарафшон расонем ё аз он ҷо биёрем. Роҳи оҳани нав ин мушкилро ҳал мекунад ва мо метавонем борҳоямонро дар ҳамин ҷо қабул ё ирсол намоем. Аз ин рӯ, тамоми соҳибкорони ноҳия ва Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» хеле хурсанданд.

Аз ин рӯ, ба нишони посух ба эътибори бузурги роҳбари давлат нисбат ба мо, қарор додем, ки истгоҳи роҳи оҳани Ургутро бо харҷи корхонаи худамон сохта, ба Ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекистон темир йўллари» диҳем. Ҳамзамон, ният дорем ин минтақаро ба як маҷмааи хизматрасонӣ ба мардум ва сайёҳон – бо сохтани автовокзал, боғи муосири технологияҳои иттилоотӣ (IT-парк), тарабхонаи шарқӣ, бозори экологӣ, муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ табдил диҳем.

Олим Ҳошимов, ки солҳои зиёд дар муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ кор кардааст ва феълан ҳамчун собиқадори меҳнат дар ҳаёти ноҳия фаъолона иштирок мекунад, зикр намуд, ки мардуми Ургут аз омадани роҳи оҳан ба ноҳия бо эҳсоси баланди интизорӣ истиқбол мегиранд ва худи ӯ низ ҳар рӯз ба ҷойҳои сохтмон меравад ва ҷараёнро бо ҳаяҷон мушоҳида мекунад.

– Дар Ургут бо ташаббусҳои Президенти мо дигаргуниҳои хеле бузург рӯй медиҳанд, – мегӯяд Олим Ҳошимов. – Вақте соли 2016 роҳбари давлатамон ба ноҳия ташриф оварданд, бо фаъолияти соҳибкорон шинос шуда, пешниҳод карданд, ки Ургут ба Минтақаи озоди иқтисодӣ табдил дода ва барои соҳибкорон имкониятҳои васеъ фароҳам оварда шавад. Баъди чанде фармон дар бораи таъсиси Минтақаи озоди иқтисодии «Ургут» қабул гардид. Дар ҳамон мулоқот Президент ваъда доданд, ки солҳои наздик ба Ургут роҳи оҳан кашида мешавад. Худоро шукр, имрӯз он ниятҳо амалӣ шуда истодаанд. Роҳи оҳан — қувваи бузурге аст, ки иқтисодиётро ба ҳаракат меорад. Он имкониятҳои соҳибкорони моро чандин баробар афзоиш медиҳад, иқтисодиёти ноҳия рушд мекунад. Рушди иқтисод бошад, ба беҳбудии инфрасохтори минтақа ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Ман, ки ба синни 80 наздик шудаам ва ҳамчун як пирони рӯзгордида мегӯям: чунин давраро ҳар инсони комил дида, ба он ҳавас мекунад. Ман аз он ифтихор дорам, ки чунин Президенти фидоиву меҳнатдӯст дорем. Бовар дорам, ки халқи мо таҳти роҳбарии ин шахс боз корҳои зиёди некро хоҳад дид ва ба дастовардҳои баланд ноил мегардад.



**Ғолиб ҲАСАНОВ, мухбири ЎзА.**
***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ЎзА).***

# ИМСОЛ ФЕСТИВАЛИ «ДӮСТӢ» ЧӢ ХЕЛ МЕГУЗАРАД?

***Дирӯз чорабиниҳои Фестивали «Дӯстӣ» ба муносибати 30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо бо гузоштани гулчанбарҳо дар пояи муҷассамаи Истиқлол, воқеъ дар боғи «Ӯзбекистони Нав»-и шаҳри Тошканд оғоз ёфтанд.***



Дар чорабинӣ кормандони Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзии мамлакат, фаъолони марказҳои милливу фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ, намояндагони миллатҳои гуногун ва вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ иштирок карданд.

Таъкид гардид, ки боғи мазкур ба шарафи истиқлоли Ватани маҳбуб, мардуми далер, сулҳдӯст, меҳнатқарин ва диловари мо бунёд гардида, рамзи озодиву суботи давлат мебошад.

Сипас, дар бинои кумита нишасти матбуотӣ доир гардид. Раиси кумита Қ.Сариев дар бораи чорабиниҳои асосие, ки дар доираи фестивал гузаронида мешаванд, маълумот дод.

– Фестивали «Дӯстӣ» тибқи Фармони Президенти мамлакат аз 7 феврали соли 2025 «Дар бораи Барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» дар «Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз» доир мегардад, – гуфт Қ.Сариев. – Мақсад аз баргузории фестивал таҳкими ҳамҷиҳатии байнимиллӣ, рушди фазои эътимоди байниҳамдигарӣ, фароҳам овардани ҳуқуқ ва имкониятҳои баробар ба намояндагони миллату қавмҳои гуногун, тарбияи насли ҷавон дар руҳи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумиинсонӣ, муҳаббат ба Ватан, садоқат ба истиқлол, инчунин, густариши ҳамкориҳо бо ҳамватанони бурунмарзӣ мебошад.

Зикр гашт, ки дар доираи Фестивали «Дӯстӣ» баргузории як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла, анҷумани байналмилалӣ дар мавзӯи «Таҳкими ҳамҷиҳатии умумимиллӣ – пойдевори муҳими рушди Ӯзбекистони Нав», намоишгоҳҳои марказҳои миллию фарҳангӣ таҳти унвони «Ӯзбекистон – ватани ягона!», намоишгоҳи фотосуратҳои халқҳои бародар дар мавзӯи «Нигоҳи дӯстӣ», намоишгоҳярмаркаи байналмилалии ҳунармандии халқҳои гуногуни хориҷӣ ва маҳаллӣ бо номи «Аз канори Модар-Замин», мулоқоти эҷодӣ таҳти унвони «Мушоираи бародарӣ», барномаи консертӣ бо иштироки сарояндагони қирғизистонӣ ва дигар мамлакатҳо дар назар аст.

Инчунин, дар доираи фестивал супоридани нишони сарисинагии «Халқлар дўстлиги», ҷамъбасти озмунҳои онлайнии «Фаъолтарин маркази фарҳангии миллӣ» ва «Фаъолтарин ҷамъияти дӯстӣ» ва сарфароз намудани соҳибону ғолибони онҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳамзамон, аз рӯйи баргузории Фестивали «Дӯстӣ» дар шаҳру вилоятҳои мамлакат барои ҳар як минтақа нақшаи вижаи чорабиниҳо таҳия гардида, тибқи онҳо дар боғҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, хиёбон ва сайргоҳҳои гӯшаву канори мамлакат, аз ҷумла, ҳудудҳои наздисарҳадӣ бо иштироки санъаткорон ва дастаҳои бадеии марказҳои милливу фарҳангӣ барномаҳои консертӣ таҳти унвони «Оҳангҳои дӯстӣ», намоишгоҳҳои маҳсулоти ҳунармандӣ ва асарҳои мусаввирон, инчунин, фото-намоишгоҳҳо ташкил хоҳанд шуд.

Дар идома раисони якчанд маркази милливу фарҳангӣ дар бораи мақсади ташкили фестивал, аҳамияти он дар таҳкими муносибати дӯстона миёни мардуми сермиллати мамлакат, ташаккули фазои якдилона ҳарф заданд.

Кормандони воситаҳои ахбори оммавӣ ба саволҳои худ ҷавоб гирифта, роҷеъ ба ранғоранг намудани мазмуну мундариҷаи барномаи фестивал таклифу пешниҳодҳои худро ба миён гузоштанд.

Чорабиниҳои Фестивали «Дӯстӣ» то 31 июли соли равон идома меёбанд.

Ёдовар мекунем, ки дар асоси қонун аз 10 феврали соли 2021 «Дар бораи муайян кардани Рӯзи дӯстии халқҳо» 30 июл ҳамчун Рӯзи дӯстии халқҳо муқаррар гардидааст ва инак панҷ сол боз ба муносибати ин сана чорабиниҳо, шомҳои дӯстӣ, фестивалҳои оммавӣ, анҷуманҳои илмиву амалӣ доир мегардад.

**Ф. ЙЎЛДОШЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

***Дар шаҳри Намангон бо ҳамкории Кумитаи оила ва занону духтарони ҷумҳурӣ ва ҳокимияти вилоят бахшида ба ҷамъбасти панҷсолаи «Дафтари занон» таҳти мавзӯи «Аз иқтисодиёти мустақил то фаъоли ҷамъиятӣ» чорабинии бошукуҳ баргузор гардид.***

# ҶАМЪБАСТИ ПАНҶСОЛАИ «ДАФТАРИ БОНУВОН»

Тадбир дар «Маркази маърифат»-и шаҳри Намангон бо намоиши маҳсулоти ҳунармандии занон ва духтарони маҳаллӣ оғоз ёфт ва ба он бонувоне, ки ба рӯйхати «Дафтари занон» дохил шуда, имрӯз ба комёбиҳо ноил гаштаанд, даъват карда шуданд.

Дар тадбир ҳокими вилоят Ш. Абдураззоқов иштирок намуда, аз натиҷаҳои корҳое, ки дар 5 соли охир анҷом дода шудаанд, сухан кард.

Ҷонишини Сарвазир – раиси Кумитаи оила ва занону духтарон Зулайхо Маҳкамова дар баромади худ оиди фаъолияти пешқадамонаи занон ва духтарони намангонӣ сухан кард.

Дар конференсия фикру андешаҳои занони соҳибкор, ки тадбиркории худро ба роҳ монда, дар таъмини шуғли аҳолӣ саҳми муносиб гузошта истодаанд, шунида шуд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон Ойшахон Қӯчқорова ва Халчахон Мирзоева, роҳбари корхонаи «Дилрабо СДА»-и ноҳия Тӯрақӯрғон, дорандаи ордени «Дӯстлик» Маъсудахон Содиқова аз таҷрибаҳои ҳаёти худ нақл карданд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Намангон.**

*Муносибат*

# АСОСИ БУЗУРГӢ, ҲАМБАСТАГИИ МИЛЛӢ ВА ПЕШРАФТ

***Ўзбекистон дар солҳои истиқлолият роҳи тараққиёти озод ва соҳибихтиёрро интихоб кард ва ҳамчун як давлати мустақил, ки манфиатҳои миллӣ дар он афзалият доранд, ташаккул ёфт. Истиқлол ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии мардумро куллан тағйир дод. Муҳимтар аз ҳама, ҷиҳати қабули қарорҳое, ки ба тақдири шаҳрвандон марбутанд, татбиқиислоҳоти дохилӣ ва пешбурди сиёсати хориҷӣ ба истиқлолияти комил соҳиб шуд.***

10 июл қарори Президент дар бораи омодагӣ ба таҷлили 34-умин солгарди Иди истиқлол қабул гардид. Мувофиқи он, таҳти шиори «Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!» баргузории чорабиниҳои ҷашнӣ муқаррар карда шуд. Ин ғоя бешубҳа барои таҳкими ҳамдигарфаҳмии давлат ва ҷамъият, боло бурдани ҳувияти миллӣ ва арзиши истиқлол хидмат хоҳад кард.

Бо қарор баргузории озмуну чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ чун «Модар-Ватан дар ҷилои рангҳо», «Барои Ватан зиндагӣ кунем!», «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз», ки дар худ ҷаҳони маънавӣ, эҳсоси ватанпарварӣ ва ифтихори миллии мардуми моро ифода мекунанд, муқаррар гардид. Бояд гуфт, ки гузаронидани чунин чорабиниҳо, баробари таҷлили васеи ҷашн, барои масъулиятро дарк кардани ҳар як шахс ҷиҳати арҷ гузоштани истиқлол ва ҳифзи он нақши муҳим мебозад.

Дар арафаи ҷашн ташкил гардидани чорабиниҳои маънавию маърифатӣ, анҷуманҳои илмӣ, шабҳои адабиву фарҳангӣ, рӯзҳои кинои миллӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, иштироки фаъолонаи мардум дар онҳо, инчунин, ба таври сайри идона ва бо хурсандӣ истиқбол намудани он ба анъана табдил ёфтааст.

Дарҳақиқат, Истиқлол неъмати бебаҳо аст. Чун гавҳараки чашм ҳифз намудани он, махсусан дар шароити таҳдидҳои глобалӣ, ноустувории геосиёсӣ ва хавфҳои геоиқтисодӣ, ки ҳатто фардои худро пешгӯӣ намудан ғайриимкон аст, аҳамияти бузург дорад. Дар чунин шароит, истиқлол на танҳо бахт, балки масъулияти бузург низ мебошад.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд бояд худро ба сарнавишти мамлакат дахлдор эҳсос кунад ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дошта бошад. Ин кафолати ягонаи муҳофизати истиқлол ва ба наслҳои ояндa бегазанд расонидани он мебошад.

Пас, дар ин раванд муносибати халқ, шаҳрвандони мо бояд чӣ гуна бошад?

Фикр мекунам, ки пеш аз ҳама, ҳар як инсон бояд худро барои рушди Ватан, пойдории истиқлол ва пешрафти миллат ҷавобгар ҳис кунад, эҳсоси дахлдорӣ боз ҳам пурзӯртар шавад. Инчунин, дарки арзиши истиқлол ва муносиби он ҳаёт ба сар бурдан муҳим аст. Ба чораҳои таҳкими ҳисси ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ дар дили насли ҷавон бояд таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Бахусус, ҳамчун бунёдкорони Ўзбекистони Нав тарбия намудани ҷавонон, бозомӯзии дониш ва технологияҳои муосир ба онҳо, собитқадамона татбиқ намудани вазифаҳое, ки барои дастгирии ҷавонон нигаронида шудаанд, хеле муҳим мебошанд.

Дар ин роҳ, тамоми сохторҳои иҷтимоӣ — оила, маҳалла, муассисаҳои таълимӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, воситаҳои ахбори оммавӣ, парлумон — ҳама бояд дар ҳамбастагӣ амал кунанд. Зеро ғояи истиқлол чароғи роҳнамои мардуми мост ва ҳеҷ кас дигар намехоҳад, ки дубора ба замони истибдод баргардад.

Ҳоло Ўзбекистон ба роҳи бузурге ворид шудааст ва қафо барнамегардад, роҳи худро идома дода, боз ҳам пурзӯр ва пурқтидор шуда, сӯи тараққиёт пеш меравад. Дар ин роҳ ба давлате табдил ёфт, ки барои рушди устувор ва дарёфти мақоми сазовор дар рақобати ҷаҳонӣ саъй дорад. Дар ин раванд бошад, якдилӣ, иштироки фаъол ва боварии мардум ба ояндa омили асосӣ ба шумор меравад.

**Азамат ПАРДАЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Дар ҳошияи як мавзўъ*




# САР КАШИДАН АЗ ПАРДОХТ ГУНОҲИ КАБИРА АСТ

***Дар мақолаи «Алимент барои фарзанд: ба ҳамсар ҷазо аст ё маҷбурият?», ки дар шумораи 59-уми «Овози тоҷик» (аз 23 июли соли 2025) чоп гардид, чанд маълумоти омориро овардем. Аз ҷумла, таъкид кардем, ки шумораи ҳуҷҷатҳои марбут ба ситонидани алимент ва таъминоти моддӣ дар ҳафт соли охир 45 фоиз афзуда, ин парвандаҳо бо таъмини моддии тақрибан 400 ҳазор ноболиғ вобаста мебошанд. Инчунин, шумораи шахсоне, ки барои саркашӣ аз таъминоти моддӣ (алимент) ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд, аз 5 697 нафар (2023) ба 8 833 нафар (2024) афзудааст. Ҳамзамон, дар мамлакати мо қариб 3500 нафар занон маҷбурияти пардохти алимент барои таъмини фарзандонро доранд ва ин ҳолат беш аз ҳама дар вилояти Самарқанд ба чашм мерасад.***

Дар нигоҳи аввал ин статистика чун рақамҳои одиву маъмулӣ ба назар мерасанд. Аммо ҷиддитар фикр кунем, ҳар як рақам тақдири як оила, таъминоти моддии чандин нафар фарзанд аст. Яъне сарнавишти талху ғамангези бачагони аз парастории падар ё модар маҳрум, фарзандони гирён, сарсон, дилшикаста, ноумед, модарони парешонҳолу ғамзада, падарони хашмгину ошуфта...

Дар ҳоле, ки дини мубини мо дини раҳмат, меҳру муҳаббату мурувват аст ва дастгирии ятимону барҷомондагонро тарғиб, ахлоқи ҳамида, рафтору кирдори нек, оилапарварӣ, эҳтироми волидон, таълиму тарбияи накӯи фарзандон ва дигар хислатҳои хуби инсониро талқин менамояду ҳама гуна рафтори нописандида, чун дуруштию бадзабонӣ, ҳасаду бадгумонӣ ва аз ҳам рӯгардон шудани одамонро манъ мекунад, чунин амал кардани мо то чӣ ҳад равост? Умуман гирем, дар мавриди масъалаи алимент масъулини соҳаи дин чӣ гуна нуқтаи назар доранд?

– Аз Умари одил (р.а.) ривоят шуда, ки гуфтааст: «аз Расули Худо (с.а.в.) шунидам, ки мефармуданд: «Огоҳ бошед, ки ҳамаи шумо сарпараст ҳастед ва нисбат ба зердастони худ, яъне барои таъминоти моддӣ ва маънавии онҳо масъул мебошед. Ба ин маъно, ки пешво сарпарасти уммат ва масъули афроди зерфармони хешу мард сарпарасти хонаву хонаводаи худ мебошад. Дар қиёмат барои таъминоти моддӣ, маънавӣ, масъалаҳои таълиму тарбия, ахлоқӣ суолу ҷавоб хоҳад шуд ва дар баробари онон масъул аст. Зан дар хонаи шавҳараш сарпараст ва нисбат ба хонаву афроди хона (фарзандон) масъул аст ва барои ин, яъне ҳуқуқи шавҳару фарзандони худро пурра иҷро кардааст, бозпурсӣ мешавад», – иброз дошт ноиби имоми масҷиди ҷомеи Равонаки ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд Бахтиёр Насруллоев. – Ин ҳадис дар тамоми китобҳои «Саҳеҳ» ва «Сунан» ривоят шудааст.

Дар ояти 34-уми сураи Нисои Қуръони карим омадааст, ки шавҳар барои таъминоти тамоми талаботи моддӣ ва маънавии оила масъул аст: «Мардон бар занон сарпарастанд (ва дар ҷомеаи хурди хонавода ҳаққи роҳбарӣ доранд ва нигаҳдориву риояти занон бар уҳдаи эшон аст) бад-он хотир, ки Худованд (барои низоми ҷомеа, мардонро бар занон дар бархе аз сифот бартариҳое бахшидааст) ва баъзеро бар баъзе фазилат додааст (ва маъмулан мардон ранҷ мекашанд ва пул ба даст меоваранд) ва аз амволи худ (барои хонавода) харҷ мекунанд». Пас сабаби асосии сарвари оила будани мардон дар он аст, ки эҳтиёҷоти моддию маънавии занонро таъмин карда тавонанд.

Бино ба гуфтаи ноиби имом, агар бо сабаби узрноки шаръӣ зану шавҳар ҷудо шаванд ва дар байн фарзанди ширмак бошаду модар онро ба парвариши худ гирад ва ҳаққи шир талаб кунад, мард барои пардохти он масъул мегардад. Вақте кӯдак аз шир ҷудо мешавад, падар ба модар маош намедиҳад, аммо фарзандро то ба синни камолот ба андозаи миёна, яъне агар сарватманд бошад, ба ҳисоби миёнаи сарватманд, агар миёнаҳол бошад, ба ҳисоби миёнаи даромади одами миёнаҳол ва агар камбағал бошад, ба ҳисоби миёнаи камбизоатон – вобаста ба шароити худ таъмин менамояд. Барои таъмин бо сару либос, хӯрок, манзили истиқоматӣ, муолиҷаи беморӣ падар масъул мебошад.

Агар кӯдак духтар бошад, то ба синни балоғат ва издивоҷ карданаш, хароҷоти нигоҳубин ва тӯйи арӯсии ӯро падар медиҳад. Агар тифл, хоҳ писар бошаду хоҳ духтар, бемор бошад, падар ӯро як умр таъмин мекунад.

– Ҳоло ба падар ё модарони ҷудошуда ба миқдори муайян алимент таъин мегардад. Ин ба аҳкоми шариат, ки дар боло зикр кардем, мувофиқ аст. Дар ин маврид, то муддати муқарраршуда аз музди меҳнати падар ё модар ба миқдори муайян ситонида мешавад. Алимент аз нафақаи шаръӣ сабук ва камтар аст. Зеро нафақа як пардохти муқаррарии ҳармоҳа нест, балки кафолати тамоми хароҷоти кӯдак то ба синни балоғат ва дар ҳолати бемор будан табобатро дар бар мегирад. Ин миқдор ҳар моҳ якранг нест. Вобаста ба вазъият дар баъзе моҳҳо метавонад бештар бошад. Бинобар ин, аз пардохти алимент сар кашидани падарон гуноҳи кабира аст. Барои чунин волидон, ки новобаста аз дастрасии имкон бо баҳонаҳои гуногун аз пардохти алимент даст мекашанд ё ба таъхир мегузоранд, ҳам аз лиҳози шаръӣ ва ҳам қонунӣ ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст. Баъзе падарон «алимент додам, шуд» мегӯянд. Ин нодуруст аст. Фарзандашон бемор шавад ё ба кӯмаки иловагӣ ниёз пайдо кунад, бояд дасти ёрӣ дароз кунанд. Ин вазифаи онҳост. Агар дар ҷашну идҳои гуногун ба дидори фарзандони худ рафта, ба ғайр аз алимент, ба онҳо сару либос ва тӯҳфаҳо диҳанд, нуран ало нур мегардад! – афзуд Б.Насруллоев.

Бояд гуфт, ки солҳои пеш алиментро танҳо аз волидони соҳиби ҷойи кор меситониданд. Онҳое, ки расман кор намекарданд, аз пардохти алимент озод буданд. Ҳоло ин тартиб аз байн рафт ва агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади доимӣ надорад, андозаи алимент тибқи талаботи қонунгузорӣ муқаррар мегардад. Яъне аз алимент ягон ҷойи гурез нест. Бо вуҷуди ин, баъзе волидон дар ин роҳ аз усулҳои гуногун истифода мебаранд ва мекӯшанд, ки ҳар чӣ камтар алимент супоранд. Масалан, ба таври ғайрирасмӣ кор карда, даромади бисёр доранд. Аммо бо ягон кори расмӣ, ки маоши ҳаддиақаллро дорад, ба ном машғул гардида, барои фарзандони худ пули ночизеро чун алимент медиҳанд. Саволе ба миён меояд: чунин рафтори волидон аз нигоҳи шариат то чӣ ҳад дуруст аст?

– Ин одамон бо ин қаллобӣ талош мекунанд, ки аз кӯмаки молии воҷиб, ки шариат муқаррар кардааст, гурезанд, – таъкид кард Б.Насруллоев. – Аммо онҳо бо ин амал аз вазифае, ки шариат муайян кардааст, сарпечӣ менамоянд. Он чун қарз ба қиёмат мемонад. Набояд фаромӯш кард, ки нафақаи шаръӣ ва пардохти алимент на барои зан, балки барои фарзандон аст. Дар ин роҳ ба ҳамсари худ хашм карда, аз пардохти алимент сар кашидан, ин поймол кардани ҳуқуқи фарзандон, табар задан ба решаи ояндаи онҳо мебошад.

Хулоса, волидон бояд алиментро сари вақт супоранд. Падароне, ки тавони пардохти алиментро доранд, бояд ниёзҳои фарзандони худро низ қонеъ гардонанд, онҳоро вобастаи касе накунанд. Кӯшиш намоянд, то онҳо аз ҳаёт дилсард ва аз одамон дилмонда нашаванд. Дилбандони худро чунин таълиму тарбия диҳанд, ки дар дили онҳо ҳамеша шуълаи умед фурӯзон бошад. Барои хушбахт, ҷисман ва рӯҳан солиму тавоно камол ёфтани онҳо имконият фароҳам оваранд. Ба онҳо ҳам, чун ба фарзандоне, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд, ғамхорӣ намоянд, шароити хубу баробар муҳайё созанд. Бо ин амали ибратбахшу шоистаи худ аҷру савоби ду ҷаҳонро ба даст меоранд.

Баръакс, агар бо фиребу найранги гуногун аз ин даст кашанд, дар идораҳои суд бо пеш овардани ҳар хел баҳона ба маъное ҳамсари худро «мағлуб» кунанд ҳам, ин пирӯзии мувaққатӣ ва дурӯғин дар ин дунёи гузарон хоҳад буд. Аз чунин ғалабаҳои дурӯғин ва рӯсиёҳиҳо Худованд ҳамаи падару модаронро нигоҳ дорад. Бигузор, оилаҳо якҷоя пир шаванд. Фарзандон дар оғӯши падару модар калон шаванд!

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки сар кашидан аз пардохти алимент гуноҳ аст ва барои ин ҳам ҷазои шаръӣ ва ҳам қонунӣ муқаррар гардидааст. Пас чаро аксар волидон аз иҷрои ин ӯҳдадории худ саркашӣ мекунанд? Ин масъала то чӣ андоза бо руҳияти онҳо вобаста мебошад?

Дар мақолаи дигар андешаҳои равоншиносонро оид ба ин масъала пешкаши муштариён хоҳем кард.

**Фаридуни ФАРҲОДЗОД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ДАР ҶОПОН ДАРСИ МАҲОРАТИ КУЛОЛГАРИ РИШТОНӢ БАРГУЗОР ГАРДИД

***Дар шаҳри Токио чорабинии фарҳангии «Ҳунари Ўзбекистон: дарси маҳорат оид ба санъати кулолии риштонӣ» ва ҳамзамон намоишгоҳи асарҳои сафолӣ баргузор гардид.***



Чорабинӣ дар Маркази фарҳангии Туркия бо иштироки яке аз намояндагони барҷастаи мактаби кулолгарии Риштон — усто Бахтиёр Назиров баргузор шуд. Ў тайи чанд соли охир мунтазам дар фестивалҳои кулолгарӣ, ки дар Ҷопон баргузор мегарданд, иштирок мекунад. Илова бар ин, дар солҳои 2021 ва 2022 дар галереяи Цукамотои шаҳри Машико намоишгоҳҳои шахсии худро баргузор кардааст.

Дар чорабинӣ сафири Ўзбекистон дар Ҷопон Муҳсинхоҷа Абдураҳмонов, роҳбарияти Маркази фарҳангии Туркия ва наздик ба 60 шаҳрванди дохилӣ ва хориҷӣ иштирок намуданд.

Бахтиёр Назиров ба иштирокчиёни дарси маҳорат дар бораи таърихи ҳунари кулолгарии Риштон муфассал нақл кард. Аз ҷумла зикр намуд, ки кулолгарии Риштон яке аз қадимтарин ва маъруфтарин анъанаҳои ҳунармандии Ўзбекистон буда, таърихи он ба ҳазорсолаҳо мерасад. Дар тӯли асрҳо устоҳои маҳаллӣ сабки вижаи керамикаро шакл додаанд, ки дар Осиёи Марказӣ ва берун аз он баҳои баланд дорад.

Инчунин таъкид шуд, ки яке аз хусусиятҳои фарққунандаи кулолгарии риштонӣ рангу шеваи махсус ва технологияи нодири сирсозии он мебошад, ки ҳамчун ҳунари махфӣ насл ба насл интиқол меёбад. Рангҳо аз пигментҳои табиӣ омода мешаванд ва бештар сояҳои кабуд (кобалтӣ), сабз (зумрудӣ), сурх, қаҳвагӣ, сафед ва қаймоқӣ истифода мешаванд.

Усто Бахтиёр Назиров қайд кард, ки кулолгарони Риштон асарҳои тайёршударо бо «глазури ишқорӣ» мепӯшонанд, ки сатҳи дурахшон, равшан ва мустаҳкамро фароҳам меорад. Ин усул «сафоли ишқорӣ» ном дорад ва технологияи нодирест, ки маҳз ба Риштон хос мебошад.

Таъкид гардид, ки имрӯз керамикаи риштонӣ бо арзиши баланди бадеӣ, маҳорати дастӣ, нақшу нигори нотакрор ва мукаммалии шаклҳо таваҷҷуҳи махсусро ҷалб мекунад.

Ҳамзамон гуфта шуд, ки дар Ўзбекистон ба рушди ҳамаҷонибаи ҳунармандӣ, аз ҷумла ҳифзи анъанаи «усто-шогирд» дар ноҳияи Риштон аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Барои фароҳам овардани шароити мусоид соли 2021 Маркази байналмилалии ҳунари кулолгарӣ таъсис ёфтааст.

Ҳангоми дарси маҳорат иштирокчиён имконият пайдо карданд, ки дар равандҳои наққошӣ ва ороиши керамика иштирок намоянд, бо техника ва унсурҳои нодири керамикаи риштонӣ аз наздик шинос шаванд.

Дарси маҳорат таваҷҷуҳи хосаи аудиторияи япониро ҷалб кард. Бисёриҳо аз ин таҷриба қаноатманд шуданд ва дарк намуданд, ки барои офаридани чунин асарҳо меҳнату маҳорати баланди ҳунарманд лозим аст. Дар поёни чорабинӣ иштирокчиён асарҳои худро ҳамчун тухфа бо худ бурданд.

Яке аз меҳмонони намоишгоҳ Инаба Ҳиромӣ изҳор дошт, ки чанд сол қабл ба Ўзбекистон сафар кардааст ва ба фарҳангу анъанаҳои кишвари мо, хусусан керамикаи кабуди Риштон, таваҷҷуҳи зиёд дорад. Пас аз огоҳ шудан аз намоишгоҳи Бахтиёр Назиров дар Токио, фурсати боз дидани ин ҳунарро аз даст надодааст.

**АИ «Дунё»,**
*ш. ТОКИО*

## *ХАБАРҲО*

### ЛОИҲАИ ИСТИҚБОЛНОК ВА ПУРИҚТИДОР

***Дар кишвари мо аз барқи табиӣ – энергияи «сабз» оқилона истифода мебаранд. Зеро ин намуди барқ ҳам босифат асту ҳам камхарҷ. Яке аз лоиҳаҳои истиқболнок ва пуриқтидор, ки аз ҷониби Иншооти обию барқии Тӯпаланги ноҳияи Сариосиё амалӣ мегардад, неругоҳи барқи обии хурди Зарчоб-3 мебошад, ки дар соҳили дарёи Тӯпаланг қад афрохта, 16 МВт иқтидор дорад ва соле 70 млн кВ/соат қувваи барқ истеҳсол мекунад.***

17 ноябри соли 2023 Президент Шавкат Мирзиёев ҳангоми ташриф ба вилоят ба сохтмони неругоҳи барқи обии Зарчоб-3 оғоз бахшида буд. Сохтмони неругоҳ дар муддати хеле кӯтоҳ ба анҷом расида, ба истифода дода шуд.

Ҳоло иншооти обию барқии Зарчоб-3 истеҳсоли қувваи барқро тариқи санҷиш ба роҳ мондааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин лоиҳа дар таърихи мамлакатамон аҳамияти ба худ хос дорад. Зеро аз як шохоби дарё дар асоси «пасупешии занҷирӣ» гаштаву баргашта қувваи барқ истеҳсол мегардад.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

### *МАҚСАДИ АСОСӢ – ҲАМКОРИИ СТРАТЕГӢ*

***Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани пойдевори дӯстӣ ва ҳамкории дуҷониба гурӯҳи корӣ бо роҳбарии иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев ба Куриёи Ҷанубӣ сафар карданд.***

Роҳбари вилоят бо мири шаҳри Пусан Пак Ҳён Жун вохӯрӣ карда, барои кушодани «Маркази савдои Самарқанд», ривоҷу равнақи сайёҳӣ, таҳияи лоиҳаи таъмиру тармими хушсифати ёдгориҳои таърихӣ, дар Самарқанд бунёд кардани корхонаҳои муштараки коркарди нафту газ ва ғайра шартномаҳои ҳамкорӣ бастанд.

Инчунин Адиз Бобоев бо котиби генералии Созмони ривоҷу равнақи бренди сайёҳӣ дар Куриёи Ҷанубӣ мубодилаи афкор кард.

Ҳоло дар вилояти Самарқанд даҳҳо корхонаҳои муштараки Ўзбекистону Куриёи Ҷанубӣ фаъолият мебарад. Боиси хушнудист, ки дар мактабҳои олии Самарқанд барои омӯзонидани забони корейсӣ муаллимон аз Сеул омадаанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*САМАРҚАНД.*

### *СӮЗАНИДӮЗИ МОҲИР*

***Дар байни намунаҳои дурахшони бофандагии миллӣ сӯзанӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Сеҳри он дар дилрабоии нақшҳо, ҳамоҳангии рангҳо ва нозукиҳои ҳунар зоҳир мегардад.***

Хонандаи синфи 10-уми мактаби миёнаи 29-уми шаҳри Намангон Санобар Инъомова аз ҷумлаи ҷавонони ҳунарманд мебошад. Санобар ин ҳунари миллиро дӯст медораду пайи зиндаву абадӣ нигоҳ доштани он саъй мекунад. Ў аз 6 солагӣ ба ин ҳунар машғул аст. Маҳсули эҷодкардаи ӯ имрӯз на танҳо дар кишварамон, балки дар мамлакатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҳиндистон, Туркия, Тоҷикистон ва Озарбойҷон низ харидор доранд.

– Сӯзанидӯзӣ сабр, шавқу ҳавас ва меҳнати бисёрро талаб мекунад, – мегӯяд Санобар. – Барои тайёр кардани ҳар як сӯзанӣ аз 10 то 25-30 рӯз лозим мешавад. Дар ҳар як гул, ҳар як ранг ифодаи бадеии нақши сулҳ, муҳаббат ба Ватан ё модар, дӯстӣ, бародариро метавон мушоҳида кард. Ман як сӯзании тайёршударо 30 миллион сӯм фурӯхтам. Дар як моҳ аз 5 то 12 миллион сӯм даромад мекунам.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.**

### *ДАР НОҲИЯИ РИШТОН – «МАҲАЛЛАИ САЙЁҲӢ»*

***Дар маросими ифтитоҳи ин маҳалла муовини ҳокими вилоят Хуршедҷон Аҳмадов, раиси иттиҳодияи ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» Расулҷон Мирзоаҳмедов, президенти Шӯрои байналмилалии ҳунармандон (AISBL) Саъд ал-Қаддумӣ, коршиносони байналмилалӣ, сайёҳон, ҳунармандон, намояндагони аҳли ҷомеа ва соҳибкорон ширкат карданд.***



Аввал зери садои карнаю сурнай ва дафу доира лентаи рамзии «Маҳаллаи сайёҳӣ» бурида шуд. Сонӣ эълон гардид, ки ба маҳаллаи Мамадалӣ Топиволдиев мақоми «Маҳаллаи сайёҳӣ» дода шуд.

Инчунин дар маросими мазкур аввалин сертификати Кумитаи сайёҳии ҷумҳурӣ дар водии Фарғона ба соҳибонаш тақдим гардид. Дар идома таҳти унвони «Ба саросари Ўзбекистон саёҳат кунед!» ярмаркаи сайёҳии дохилӣ ва намоишгоҳи маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ мавриди муаррифӣ қарор гирифт.

Дар меҳмонон намоишгоҳи расму ойинҳои миллӣ ва қадриятҳои он таассуроти амиқ боқӣ гузошт.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

*Ақли дурандеш бар мо роҳи рӯзӣ бастааст,*
*В-арна ҳар ангушт пистонест тифли ширро.*
***(СОИБ).***

Симинаи нозпардвардаи падару модар ҳусну малоҳати хосае дошт. Зардинаранг, чусту чолок ва дилёби ҳамагон. Аз хурдсолияш бо ҳамсолони худ ҳазлу шӯхиҳо менамуд. Тамоми духтарони маҳаллаш ӯро дӯст медоштанд ва бинобар ин хислаташ дугонаи хеш мешумурданд.

Баъди хатми мактаби миёна Симина орзу дошт ба ягон донишгоҳ ё донишкада дохил шаваду таҳсилро идома диҳад. Аммо ҳанӯз шаҳодатнома нагирифта, дари хонаашонро хостгорҳо кӯфтанд. Падараш, ки марди зиёӣ буд, ба раъйи духтараш нигарист. Симина бошад, ягонтои онҳоро қабул накард.

Рӯзе аз як нафар хеши дури падараш хостгорҳо омаданд. Онҳо бемалолу дурудароз нишастанд. Падар ба духтараш чунин гуфт:

– Духтаракам, умед дорам гапҳои маро бо ду гӯш шунида хулосаи дуруст мебарорӣ. Ин хостгорҳо аз хешовандони ин ду ҳамсинф суолу ҷавобҳои кӯтоҳ ба миён омад ва азбаски роҳ наздик буд, Симина изҳори миннатдорӣ намуда, шитобон сӯйи хонаашон роҳ пеш гирифт.

Симина бо духтарчааш ду рӯз дар хонаи падар монд. Аз чӣ бошад, тайи ин ду рӯз хушдоманаш боре ҳам занг назад. Аз ин дили Симинаро гӯё гургон тала намуданд. Дилтангу бетоқат мешуд ва рӯзи савум субҳи барвақт духтарчаашро гирифта, ба хонаи хушдоман баргашт. Тасодуфро бингаред, ки боз ҳанӯз ду-се қадам нагузошта, ҳамсинфаш Шаҳбоз мошинашро назди онҳо боздошт. Ҳарчанд не гӯяд, Шаҳбоз боисрор онҳоро ба мошин шинонд. Зармина даруни мошин хурсандӣ мекарду дили Симина гуп-гуп мезад. Аз ҳаяҷон, аз тарси гапу калочаи мардум...

Симина ба хонаи хушдоман расида, саросемавор аз мошин фуромад ва ба қафояш нанигариста хост дарвозаро ку

*Дар чорсӯйи зиндагӣ*

# «МАН ГУНОҲЕ НАДОРАМ!»

ни мо. Ба ҷону ҳолам намонда истодаанд. Агар ту розигӣ диҳӣ, як умр миннатдор мебудам. Ҷавон низ он қадар писари ношуд не. Устои ҳунарманд будааст. Оилаашро ман медонам. Агар бахту иқболатро дидан хоҳӣ, розигӣ деҳ.

– Охир, ба хондан?...

– Ин мақсадатаро ба онҳо фаҳмонидам. Онҳо худашон туро хононданӣ, – бо мамнуният гуфт падар.

Дили Симина аз ин суханони падар нарм гашт. Ба ҳар ҳол раъйи падарро рад карда натавонист ва шармгинона:

–Хуб, падарҷон, ихтиёр ба шумо. Ман чӣ ҳам мегуфтам, – гуфт.

Ҳамон шаб Симинаи хушандому бегуборро ба як ҷавон, ки аз хешовандони падараш буд, фотиҳа карданд. Аз байн вақти зиёд нагузашта, тӯйи никоҳии Симинаву Фарҳод баргузор гардид.

Оилаи нав. Хешу табори дур ҳам бошанд, хусуру хушдоман ба Симина эҳтиром доштанд. Ҳурматашро риоя мекарданд. Шавҳараш Фарҳод низ ҷавони бад набуд. Нисбати завҷааш меҳрубон буд, онҳо хушу хурсандона зиндагониашонро идома медоданд.

Соле сипарӣ шуд. Дар ин муддат Симина соҳиби духтарча гашт. Баъди таваллуди фарзанд Фарҳод бо падару модар ва завҷааш маслиҳат карда, ба мусофирӣ рафтанашро эълон намуд. Падару модараш розӣ шуданд. Аммо Симина ба шавҳар ҳамин ҷо монданашро тавсия дод. Вале Фарҳод розӣ нашуд.

Фарҳод ба сафари Русия рафту Симина бо фарзанди худ дар хона монд. Баъди ба мусофират рафтан, Фарҳод дусе бор занг зад. Пасон занги телефонаш хомӯш гашт, ҳатто ба падару модараш низ занг намезад.

Рӯзҳо мегузаштанд. Аммо аз Фарҳод дарак набуд. Духтарчаи Симина, ки дар пайравии номи модараш Зармина ном гузошта буданд, калон мешуд ва суроғи падар мекард. Аммо аз падар дараке набуд. Касе намедонист, ки вай дар куҷосту аз пайи кадом кору бор гаштааст.

Гоҳо Симина ба умқи андешаҳо ғӯта мезад. Фикр мекарду фикр мекард, пеши худ саволҳои бешумор мегузошт, вале ҷавоби муносибе пайдо карда наметавонисту ноилоҷ бо ашки шашқатор лаб мебаст.

Дар ин миён муносибати хушдоманаш Муҳаббатхола тағйир меёфт ва Симина аз ин дар ҳайрат меафтод. Худ ба худ меандешид, ки чӣ гуноҳе карда бошад. Аммо шасти Муҳаббатхола гоҳо боло рафта, ҳудаю беҳуда сарзаниш мекард ва ҳар боре, ки бо телефони дастӣ бо хешу табор дар гуфтугӯ шавад, ӯро, ба қавле, «аз сӯрохи сӯзан мегузаронид».

Симинаи бемуттако ба ҳамааш тоқат мекард. Дурро меандешид. Ягона духтарчааш ва шавҳари бедаракашро фикр мекарду ба суханони заҳрогини хушдоманаш эътибор намедод.

Рӯзе аз хушдоманаш рухсат пурсида, барои дидорбинии падару модараш рафт. Хонаи падару модараш тақрибан се-чор истгоҳ дуртар буд. Симина, ки чанд муддат инҷониб ба ҳавои тоза набаромада буд, Зарминаашро бардошта, хост то манзили волидайн пойи пиёда равад. Бо ин баҳона каме дар ҳавои тоза сайр ҳам мекунем, – мегуфт вай. Бо хаёлҳои ширин то нисфи роҳ расиду ногоҳ таъкидҳои заҳролуди хушдоманаш ба хотираш расид, ки ҳангоми гусел дар назди дарвоза ба ӯ гуфта буд:

– Ба хонаи модарҷонат дасти хушку холӣ нарав, аз ягон мағоза ба додарчаву хоҳарчаҳои хурдсолат ширинӣ бигир. Ба падару модарат низ ягон майда-чуйда бихар. Боз «хушдомани духтарамон хасиси гузаро будааст» гӯён ғайбати маро накунанд. Безорам аз гапҳои дандоншиканашон. Мебинем, баъд худашон келини маро чӣ тавр гусел мекунанд...

Ба хотираш расидани ин фармудаи хушдоман Симинаро гӯё аз хоби ғафлат бедор сохт. Ба мағозаи сари роҳ даромада, барои додару хоҳар ва падару модараш каме савғотӣ харида, берун омад. Мехост роҳи худро идома диҳад, вале ногаҳонӣ садои бонги мошине ӯро ҳушдор дод. Ба қафо нигарист. Ҳамсинфаш Шаҳбоз аз кабинаи мошини сиёҳранг сар берун оварда, бо ишора ба мошин нишастанашро таклиф намуд.

– Ташаккур, Шаҳбозҷон, роҳ андаке монд, – гуфт Симина саросемавор ва ба ин тарафу он тараф нигарист.

Вале духтарчаи якраваш Зармина дасташро сӯйи мошин дароз карда, ба он нишастанро боисрор талаб менамуд. Симина ноилоҷ ба мошин нишаст. Миёшояд. Ин ҳангом чашмаш ба чеҳраи гирифтаи хушдоманаш афтид, ки аз мошин фуромадану ба назди дарвоза расидани келинашро дар телефони мобилӣ сабт мекард. Симина салом доданашро медонад, якбора Муҳаббатхола оташ гирифт:

– Ҳа, келинҷони кӯрнамак?! Он мошини кӣ буд, туро оварда партофт. Ягонаписарам Фарҳодҷонро фикр накардӣ? Вай дар мусофирӣ азоби алим дораду ту бошӣ...

– Холаҷон, охир вай ҳамсинфам Шаҳбоз-ку. Чаро туҳмат мекунед, – гиряолуд ҷавоб гардонд Симина.

Аммо аллакай дер шуда буд. Муҳаббатхола, ба қавле, пӯстинашро чаппа пӯшида, хонаро ба сар бардошта, Симина ва падару модарашро лаънат мекард. Ба куҷоҳое занг мезаду тафсилоти он ҳолатро чандон баробар зиёдтар аз рухдода нақл мекард. Симина дарро аз рӯяш баста, ба хонаи худ даромад ва ба доду фарёди хушдоманаш эътиборе надода, алами худро аз гиря гирифт. Сабру тоқат мекарду аз туҳмати ба сараш омада, ба Худованд илтиҷоҳо менамуд, кӯмаку наҷот мехост.

Ниҳоят шаб фаро расид. Симина хост ба ошхона гузашта, хӯроке пазад. Аммо дари ошхона баста буд. Ба ин ҳам эътиборе надода, аз мағозаи наздиктарин барои худашу духтарчааш анвои хӯрданӣ оварда, ба хонаи худ гузашт. Нисфи шаб садои занги телефон баланд шуд. Ин Фарҳод буд, ки баъди ду соли расо ба ӯ занг мезад. Овози Фарҳодро шунида, Симина каме ба худ омада, одоби саломи алейкро ба ҷо овард. Аммо Фарҳод Симинаро дашном медоду таънаи бевафо буданашро такрор мекард. Симина қасам хурад ҳам, Фарҳод бовар намекард ва ҳарчи тезтар тарк намудани хонаву дарашро талаб менамуд.

Кор то ба ҷое расид, ки баъди шаби дароз занг задану дашном додан, Фарҳод ҷавоби ҳамсарашро аз тариқи телефон дод. Симинаи бегуноҳи муштипар илоҷи дигаре надошт. Субҳи барвақт духтарчаашро аз хоби ноз бедор карда, аз хонаи шавҳар берун рафт. Дар назди дарвоза хушдоман боз бо таънаву маломатҳо ӯро чун гунаҳгори ашаддӣ «гусел» намуд.

Симина ба хонаи падар омада буду шуди гапро фаҳмонд. Падару модараш зинҳор дигар ба он ҷо қадам нагузоштанашро талаб карданд. Аз миён моҳҳо гузаштанд. Дар ин муддат Симина ба саволҳои худ ҷавобе намеёфт. Барои чӣ шавҳараш ду соли расо занге намезаду он шаб худ аз худ пайдо шуда сим зад, ба мошини Шаҳбоз нишастани ӯро аз кӣ фаҳмид? Шаҳбоз чаро ҳангоми рафтану баргаштан ӯро интизор буд? Ин ҷо бояд сирре бошад, гӯён дурударoз фикр мекарду посухи муносибе ёфта наметавонист.

Пас аз чанд муддат рӯзе ба телефони вай ҳамсинфаш Шаҳбоз занг зад. Симина моту маҳбут шуд. Рақамашро аз куҷо пайдо карда бошад, меандешид вай. Шаҳбоз иқрор гардид, ки бо айби вай Фарҳод ӯро аз хона ронд. Лекин ҳамаи ин ҳангомаҳоро хушдоманаш Муҳаббатхола ташкил карда будааст.

– Барои чӣ? Охир ман чӣ гуноҳе доштам, ин ҷазоҳо барои кадом гуноҳам? – суол медод Симина бо чашмони гирён.

Аз рӯйи нақли Шаҳбоз Фарҳоду модараш рӯздармиён бо ҳам суҳбат мекардаанд. Фарҳод дар мусофирӣ ба духтаре хонадор шуда, аз вай фарзанддор шудааст. Мақсадаш ба хона овардани он оҷиза, аммо Симинаро чӣ хел набошад аз хона пеш карданӣ будаанд. Ба мошин нишастану ду рӯз пас боз ба хонаи хушдоман овардани Шаҳбоз низ аз реҷаҳои «нестандарҷаҳон»-и Муҳаббатхолаи бенангу ор будааст. Ҳатто дар мошин нишастану суҳбатҳоро дар телефон сабт намуда, ба хушдоманаш партофтааст. Хушдоман онро ба Фарҳод фиристодааст. Шаҳбоз аз рӯйи виҷдон ин гапҳоро ба ҳамсинфаш гуфта, аз ӯ узр пурсид, Симинаи шӯрпешонӣ аз тақдираш менолиду оби дида мекард. Аммо ин нолиданҳо дигар нафъе надоштанд. Зеро акнун, ба қавле, дер шуда буд. Аз тарафи дигар худро хеле сабук ҳис намуд. Барои он ки гуноҳе надошт. Мехост ба тамоми олам дод занад:

– Ман гуноҳе надорам! Лаънат ба шумо барин афсунгарҳо. Ҳақиқат дар ҳама давру замон дастболост.

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН,**
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

---

*Сафир Ҷавад АВАД:*

# ӮЗБЕКИСТОН ДАР САҲНАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ПЕШВОИИ ХИРАДМАНДОНА ВА МУТАВОЗИНИ СИЁСАТИ ХОРИҶИРО НИШОН МЕДИҲАД

***Сафири Фаластин ба саволҳои мухбири АИ «Дунё» посух дод. Дар шароити ноустувории ҷаҳонӣ муносибати мутавозин ва пайгиронаи кишварҳо, сиёсати хориҷии сулҳомез ва муколамаи самимӣ аҳамияти хос доранд, ки бояд имконият диҳанд, то якдигарро бишнаванд, ба ҳам кумак кунанд ва ба ҳамоҳангии устувор ва рушд ноил шаванд. Ӯзбекистон маҳз чунин мавқеъро ишғол мекунад — тарафдори муколама, фаҳмиши мутақобил ва эҳтироми ҳуқуқи байналмилалӣ ҳамчун пояи рушди устувор ва амнияти глобалӣ мебошад.***
***Яке аз самтҳои ин сиёсат мавқеи асосӣ ва мутавозини Тошканд нисбат ба масъалаи Фаластин аст. Ӯзбекистон пайваста ҷонибдори ҳаллу фасли одилона ва ҳамаҷониба мебошад, ки бар асоси формулаи «ду давлат барои ду миллат» аст, талошҳои ҷомеаи байналмилалиро барои қатъи хушунат дастгирӣ мекунад ва ба мардуми Фаластин кумаки башардӯстона мерасонад.***
***Дар мусоҳиба бо АИ «Дунё» сафири Давлати Фаластин Ҷавад Авад назари худро дар бораи марҳилаи кунунии ҳамкориҳои дуҷониба баён дошта, баислоҳоти динамикӣ дар Ӯзбекистон ишора мекунад ва мавқеи ҳамбаставу масъулиятноки ҷониби Ӯзбекистонро дар масъалаҳои сулҳ ва адолати байналмилалӣ баланд арзёбӣ менамояд.***



**– Ӯзбекистон пайваста тарафдори ҳалли осоиштаи мунокишаи Фаластин ва Исроил бар асоси принсипи «ду давлат» ва қатъномаҳои СММ мебошад. Шумо ба мавқеи Ӯзбекистон дар заминаи дастгирии байналмилалии мардуми Фаластин чӣ гуна баҳо медиҳед?**

– Мо мавқеи пайгирона ва асосии Ӯзбекистонро баланд арзёбӣ мекунем, ки ҳамеша барои ҳалли одилона ва осоиштаи мунокишаи Фаластин ва Исроил бар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва қатъномаҳои СММ, аз ҷумла ҳуқуқи мардуми Фаластин ба таъсиси давлати мустақил дар ҳудудҳои то 4 июни соли 1967 бо пойтахташ — Қудси Шарқӣ — талош меварзад. Ин мавқеъ борҳо дар сатҳи олии роҳбарияти Ӯзбекистон, бахусус аз ҷониби Ҷаноби Олӣ Президент Шавкат Мирзиёев таъйид гардида, ҳамраъйии воқеиро бо мардуми Фаластин ва дарки амиқи моҳияти мунокишаро инъикос мекунад.

Ӯзбекистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва минбари байналмилалӣ роҳбарии хирадмандона ва мутавозини сиёсати хориҷиро намоиш медиҳад. Ин мавқеъ адолатро дар равобити байналмилалӣ тақвият мебахшад ва ба бисёре аз халқҳое, ки зери ишғол қарор доранд, дар боварӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ ва инсондӯстӣ илҳом мебахшад.

**– Мавқеи худро дар ин масъала Ӯзбекистон на фақат дар сатҳи сиёсӣ, балки дар амал низ пайгирона нишон медиҳад. Соли 2023 бо ташаббуси Президенти Ӯзбекистон ба сокинони минтақаи Ғазза тавассути Оҷонсии СММ оид ба кумак ба паноҳандагони фаластинӣ ва ташкили корҳо кумакҳои башардӯстона ба маблағи 1,5 миллион доллари ИМА расонида шуд. Ғайр аз ин, 24 декабри соли 2024 аз шаҳри Рафаҳи Миср хатсайри эвакуатсионӣ ба шаҳри Тошканд анҷом ёфт, ки дар натиҷа 100 зани захмии фаластинӣ ва кӯдакон барои барқарорсозии саломатӣ ба Ӯзбекистон оварда шуданд. Чунин ташаббусҳо дар Фаластин чӣ гуна пазируфта шуданд?**

– Давлати Фаластин ин ташаббусҳоро бо миннатдории амиқ пазируфт. Онҳо ҳамчун далели зиндаи бародарии воқеӣ миёни халқҳои мо арзёбӣ гардиданд. Дастгирие, ки Ӯзбекистон дар чунин лаҳзаи душвор анҷом дод, ба сухан маҳдуд нашуд, балки дар амалҳо ва иқдомҳои муҳими башардӯстона ифода ёфт. Кумаки башардӯстона ба маблағи 1,5 миллион доллар, ки ба сокинони минтақаи Ғазза равона шуд ва эвакуатсияи занону кӯдакони маҷрӯҳ барои муолиҷа ба Ӯзбекистон — ин ҳама нишонаи меҳру муҳаббати инсонӣ ва рисолати волои башардӯстона мебошад.

Ин танҳо як ишораи ҳамраъйӣ набуд, балки як амали наҷоти ҷони инсонҳо буд. Ин афрод дар ҳолати вазнини равонӣ ва ҷисмонӣ ба Ӯзбекистон омаданд, бисёре аз онҳо хонавода, манзил ва амнияти ҳаёти худро аз даст дода буданд. Дар Ӯзбекистон ба онҳо ёрии тиббии баландсифат расонида шуд, муҳити бароҳате барои барқарорсозӣ муҳайё гардид ва муҳимтар аз ҳама — онҳо гармӣ, ғамхорӣ ва таваҷҷуҳи мардуми Ӯзбекистонро эҳсос карданд.

Ин амалиёти башардӯстона на танҳо дар ҷомеаи Фаластин, балки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ низ таъсири амиқ гузошт, зеро нишон дод, ки ҳатто дар шароити душвор ҳам инсондӯстӣ ва ҳамраъйии воқеӣ имконпазир аст. Мо итминон дорем, ки ин иқдом як саҳифаи муҳим дар таърихи муносибатҳои Фаластин ва Ӯзбекистон хоҳад буд ва ба рамзи бародарии халқҳои мо табдил меёбад.

Ин қадамҳо боз ҳам бештар эътимод миёни халқҳои моро таҳким бахшиданд ва ёдрас карданд, ки дар лаҳзаҳои душвор Фаластин танҳо нест. Мо аз номи Президенти худ Ҷаноби Олӣ Маҳмуд Аббос, Ҳукумат ва хонаводаҳои осебдида миннатдории самимии худро ба роҳбарияти Ӯзбекистон, бахусус ба Ҷаноби Олӣ Президент Шавкат Мирзиёев, Ҳукумат ва тамоми мардуми ӯзбек расонидем.

Ҷаноби Олӣ Маҳмуд Аббос дар номаи сипосгузорие, ки ба Президенти Ӯзбекистон ирсол гардид, барои ташаббуси нек ва башардӯстонаи ӯ оид ба эвакуатсия ва муолиҷаи занону кӯдакони фаластинӣ, ки аз таҷовузи Исроил зарар дидаанд, изҳори миннатдорӣ ва эҳтироми амиқ баён дошт. Мо зикр кардем, ки ин иқдом идомаи дастгирии пайгиронаи Ӯзбекистон аз мавқеи одилонаи халқи Фаластин ва талошҳои он барои озодӣ ва истиқлол мебошад. Чунин амалҳо дар дилҳои мардуми Фаластин вокуниши гарму самимӣ меёбанд ва ба қисми таърихи муштараки бародарӣ ва ҳамбастагӣ мубаддал мегарданд.

**– Дар солҳои охир Ӯзбекистон рушди устувори иҷтимоию иқтисодиро нишон медиҳад ва ҳамзамон ҳамкориҳои байналмилалиро фаъол мегардонад. Шумо ҳамчун дипломате, ки дар шаҳри Тошканд номнавис шудаед, кадом тағйиротҳоро дар кишвар қайд карда метавонед? Ҳамкориҳои Фаластину Ӯзбекистон чӣ гуна рушд меёбанд?**

– Тағйиротҳоро дар Ӯзбекистон аз дохили кишвар мушоҳида карда, метавонам бо итминон бигӯям, ки кишвар як марҳилаи таърихии рушди худро тай мекунад. Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Президент Шавкат Мирзиёев Ӯзбекистон бо қадамҳои устувор ба сӯи ташаккули як давлати қавӣ, муосир ва боз пеш меравад. Ислоҳоти шаффоф, фаъолшавии ташаббусҳои сиёсати хориҷӣ, васеъ гардидани уфуқҳои иқтисодӣ ва тақвияти нақши Ӯзбекистон дар сатҳи байналмилалӣ, шаҳри Тошкандро ба як маркази муҳими сиёсӣ ва дипломатии Осиёи Марказӣ табдил додаанд.

Муносибатҳои Ӯзбекистон ва Фаластин дар солҳои охир боз ҳам мустаҳкамтар шуданд. Мо махсусан ба сафари доктор Риёз Маликӣ, вазири корҳои хориҷӣ ва умури муҳоҷирони Давлати Фаластин ба Тошканд баҳои баланд медиҳем. Дар ин сафар бо вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Бахтиёр Саидов ва раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева мулоқот анҷом дода шуд. Дар ин мулоқотҳо роҳҳои густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун — аз ҷумла сайёҳӣ, иқтисод ва маориф — баррасӣ шуданд. Ҳамчунин сафари вазири иқтисоди Фаластин бо ҳайати соҳибкорон ба Ӯзбекистон дар нақша буд, ки ин иқдом метавонист як қадами муҳими таҳкими равобити тиҷориву иқтисодӣ гардад. Мутаассифона, бинобар рӯйдодҳои фоҷиавӣ ва авҷи танишҳо дар Фаластин, бахусус дар минтақаи Ғазза, ин ташаббусҳо муваққатан боздошта шуданд.

Дар ин давра, бисёр ҳайатҳо аз Фаластин ба Ӯзбекистон ташриф оварданд. Масалан, муовини раиси парлумони Фаластин дар Ассамблеяи 150-уми Иттиҳоди байнипарлумонӣ, ки аз 5 то 9 апрели соли 2025 дар Тошканд баргузор гардид, ширкат варзид. Ҳамчунин профессорон ва намояндагони соҳаи таҳсилоти олӣ ба Самарқанд омада буданд; директори иҷроияи Комиссияи марказии интихоботии Давлати Фаластин Ҳишом Кӯҳел, дастаи дзюдо, дастаи футболи бонувон, дастаҳои каратэ ва бокс — ҳам дастаи мунтахаби умумӣ ва ҳам дастаи низомиён — барои ширкат дар чорабиниҳои гуногун ба Ӯзбекистон ташриф оварданд. Мехоҳам махсусан иштироки ҳайати соҳибкорони фаластинӣ дар Форуми IV байналмилалии сармоягузории Тошканд, ки аз 10 то 12 июни соли 2025 баргузор шуд, таъкид намоям.

Бо вуҷуди ин ҳама, мо итминон дорем, ки бо субот ёфтани вазъият дар Фаластин, ҳамкориҳои мо марҳилаи нави рушдро оғоз хоҳанд кард. Муносибатҳои бародаронаи байни Фаластин ва Ӯзбекистон решаҳои амиқи таърихиву фарҳангӣ доранд ва мо мутмаинем, ки ҳамкориҳои минбаъда боз ҳам самараноктар ва мустаҳкамтар хоҳанд шуд.

**– Барои суҳбат сипосгузорам.**

– Ташаккур.

**АИ «Дунё»**

---

*Истад ҚОСИМЗОДА*

# ҚИССАИ АСПТОЗ ВА АСПИ ТАНБАЛ

*(Ҳикояи воқеӣ)*

**(Охираш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).**

Аҳли суҳбат сӯйи Шерзод рӯй оварданд. Вай ҳам набурдаю наоварда, гапро аз сари замини ҳамон рӯз шудгоршуда шурӯъ кард.

– Ба ростӣ, – гуфт ӯ, – ман ҳам, мисли амаки Киромбой, дилам ба аспи Танбал месӯхт. Раҳмам меомад. Баъди ба хона омадан аз падарам оҳиста пурсидам.

– Додо, – гуфтам, – ин тарзи ромсозии аспро аз ягон китоб омӯхтед?

– Э бачам, мақоли тоҷикӣ мегӯяд, ки «Ангура хӯру боғашро напурс». Агар хоҳед, ки натиҷаи ҳамин тадбирро бо чашми худ бинед, пагоҳ ба Сангардак биравед. (Моро ҳам Низомиддинхон ба тӯяшон даъват кардагӣ). Дар бузкашӣ ҳам иштирок бикунед. Агар хоҳед, худ аспи Танбалро савор шуда, ба «қӯра» дароед. Ана, баъди таги зин гирифтани буз асп онро Будулай гумон карда, чӣ користоне нишон медиҳад... ҳамчунон медавад, ки ягон асп ба вай расида наметавонад. Ман инро аз ягон китоб нахондаам. Фақат дар як суҳбат, аз аспфурӯши тоҷики бозори Ширкент шунида будам.

– Аҷиб, – гуфтам, – пас худатон Танбалро савор шуда, ба майдон дароед-дия.

Падар гап назад. Вале ман ҳамон шаби дароз аспу сагу бузкаширо хоб дидам, – ба гапаш давом дод Шерзод. Диққати ҳама ба вай равона гардид.

– Баъд рафтед ё не? – пурсид Раҳматуллоҳи асптоз.

– Ҳо-о! Саҳар хеста, бо ду-се каси аз ҷойи мо ҳам даъватшуда, ба Сангардак рафтем. Баъд аз табрику зиёфату зарофат ба майдони бузкашӣ гузаштем.

Дилам ба як чиз гувоҳӣ медод, ки падарам ҳам шояд биёянд. Агар розигӣ бидиҳанд, Танбалро худам ба «қӯра» медарорам. Дида будам, ки амаки Киромбой ҳам бо асп омада буданд. Лекин аз падарам дараке набуд.

Кори дунёро бинед, ки ҳамон пагоҳӣ дӯсти наздикашон – сардори НДА (назорати давлатии автомобил)-и Деҳнав – Латифов, бо як шиноси худ ба хонаи мо омадаанд. Ба зудӣ сари як барраро гирифта, зиёфат мекунанд. Падар беихтиёр ба соати деворӣ нигоҳ кардан гирифтааст. Хотираш парешон.

Латифов, ки ҷавонмарди ҳушёр буд, ҳис мекунад, ки дӯсташ хотирпарешон.

Мегӯяд:

– Ошноҷон, чаро шумо ин қадар хотирпарешонед? Боисаш чист?

Падар ҳодисаи дирӯзаро бо аспи Танбали Киромбой гуфтааст.

Латифов масъаларо аз «бисмиллоҳ»-и гапи падар ҳис карда, гуфтааст:

– Хезед, тақсирам. Рафтем. Низомиддин дӯсти ҷонии мо. Муборакбод мекунем.

Хеста ба мошини ГАИ менишинанд. Масофа чандон дур набуд. Бо мошини сафед, ки чунин мошин ҳеч кас дар Деҳнав надошт, дар таги кӯҳи баланди Ҳисори Шодмон пайдо шуданд.

– Нағз-нағз! – мегуфтанд шунавандагон.

***

Як маҳал падар дар тан костум, аз мошини Латифов фаромадааст. Он рӯзҳо бо мошини дабдабаноки «Уазик» не, фақат бо ҳамон «Бенс»-и сафед мегашт. Онҳо мошинро дар баландӣ гузошта, гапзанон назди мо омаданд. Киромбой хотирпарешон буд. Онҳо даст дода вохӯрданд. Одамони тӯйдор зуд барояшон ҷойи нишаст таҳия карданд. Бузкашӣ байни ҷавонон барвақт сар шуда будааст. Онҳо майдонро тарк мекарданд. Касе буқачаи дунимсоларо бурда, дар ҷойи муқаррарӣ партофт.

Дар як дам, қиву чуви ҷавонон, тапар-тапари суми аспҳо гӯши фалакро кар кард.

– Ҳа-а, Киромбой! – гуфт падарам, – ба фикр фурӯ рафтед?

– Аспро касе савор нашуд. Лаванд, танбал, – гуфтанд асптозҳо. Боз ҳамон гап.

– Шерзод, мешинед, бачем? – гуфт ба ман.

– Не, не, додоҷон. Худатон омадед. Хуб шуд. Агар намеомадед, гапи дигар буд, – гуфтам.

– Хуб. Фуроед аз асп, – гуфта Киромбойро нӯгидастӣ аз болои Танбал фуроварда, рӯйи сабзаи тирамоҳӣ нишонданд.

Танбалро як дам хорумол карда, миёнашро сахтакак баст. Лаҷомашро дошта нишаст ва баъди «Аллоҳи акбар» тозиёнаро қапид. Асп патаррас зад. Шиҳаи базарбае кашид ва худро даруни тӯдаи аспҳо бизад.

Мардум, асптозҳо, шиносҳояшон падарро дида, бо хандоханд садо баланд менамуданд.

Дар тӯдаи аспҳои беҳисоб як навъ даргириҳо рӯй дод. Аспҳои тӯда ногаҳ тит шуданд. Бинем, ки аспи кабуди Киромбой «гӯсоларо» бардошта берун ҷаст. Ҳаёҳуи тӯда гӯши фалакро кар мекард. Латифов маро маҳкам қапида буд. Медидем, ки падар бо асп яке чапғалат дода, тарафи марра чун бод ҳаракат кард. Танбал тавре ки дирӯз гуфта буданд, «буз»-ро як балои осмонӣ гумон карда, медавид. Ягон асп ба вай наздик шуда натавонист. Ҳакамҳои аспсавор аз ақиб расида рафта: «ҳалол! ҳалол!» – гуфта фарёд кард ва падарро дар костум дида:

– Пардапаҳлавон! Шумоед? – гуфт.

Баъд аз он аспҳои меҳмонон ҳам, пайи ҳам ба марра расида, сазовори ҷоизаҳои пурқимат шуданд. Танбал як дафъаи дигар ҳам сазовори гирифтани ҷоизаи калон гардид.

– Ҳаққи ҳалолатонро, – эълон намуд ҳакам, – дар Наврӯзгоҳи ноҳия, баъди наворгирии кормандони телевизион, таври тантанавӣ месупорем.

Аз рӯйи ваъда, ҳамон ҷо, як дона тиллою панҷ милён сӯмро супориданд. Гуфтанд, ки мукофоти уштурбачаро соҳиби аспи Киромбой ба Сангардак рафта бигирад.

– Ташаккур, Низомиддинбой, – гуфта амаки Киромбой ба навори телевизион афтод.

Ҳамон ҷо, дар Наврӯзгоҳ гап-гап шуд, ки ҷоизаи додаашон уштурбачаи дукӯҳа будааст. Қимати он ҷонвар дар бозор дуболо буд.

Ҳамин тавр аспи Танбал аз нав машҳур шуд. Номаш бетағйир бимонд. Ҳар ҷо, ки ба бузкашӣ медаромад, ҷоизаи асосӣ насиби вай мегардид. Мардум бо ҳавас, «ана, Танбал омад» мегуфтанд. Сағриҳои лӯб-лӯндаю пойҳои борики зебояшро базавқ тамошо мекарданд.

***

– Тағои Пардапаҳлавон, – мегуфт дар давраҳо Раҳматуллои асптоз аз Поҷӯри Боло, – аспшинос аст. Медонед, аспи Исоҷон – писарашро аз Хондиза чаро пули калон дода овард? Шодравон Киромбой гуфта буд, аз аспи Танбал танҳо дар Хондиза касе насл гирифта буд. Рахши бародарам Исоҷон аз тухмаи ҳамон аспи Танбал аст.

Мардуми аспдӯст Танбалро аз Косони Қашқадарё омада, бо худ бурда буданд.

Танбал баъдан дар минтақа номбардор шуд. Лӯлиёни шаҳрошӯби асптоз таърифи аспи Исоҷонро шунида, ба тағоям чиҳил миллион сӯм доданӣ шуданд. Аммо он кас ба онҳо «хестед, ки хобатон» гуфтаанд.

*Гиромидошти омӯзгор*

# БИЁЕД, ТО ЗАБОНРО ЗИНДА ДОРЕМ...



***Мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонии рақами 43-юми ноҳияи Самарқанд дар гузари Боғи Тилло ҷойгир буда, таълиму тарбият ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аст. Рӯзномаи «Овози тоҷик» дар шумораи 31-ум аз 16-уми апрели соли равон бо номи «Боғи Тилло – баҳояш аъло» нақл карда буд. Зеро мактаби мазкур дар пурсишномаи рӯзнома нисбати муайян кардани дабистонҳо фаъол иштирок кард ва яке аз ҷойҳои фахрӣ насибаш гашт.***

Боз як комёбии таълимгоҳ он аст, ки талабагони мактаб дар зинаи ҷумҳурии олимпиадаи фаннӣ аз забон ва адабиёти тоҷик ҷойҳои фахриро гирифтанд ва дар ин комёбӣ хизмати шоистаи омӯзгори тоифаи олӣ Саноат Аҳадова калон аст.

Чанде пеш Вазорати таълими томактабӣ ва мактабӣ муаллимро бо мукофоти пулӣ қадршиносӣ намуд.

Бо фармони вазорат 1000 нафар ғолибон ба гирифтани рағбат ноил гардиданд. Барои ғолибият довталабон тест месупоранд ва онҳое, ки холҳои заруриро ба даст овардаанд, боз аз суҳбат гузаронда шудаанд.

– Аз чунин навид ба ҳаяҷон омада, мехоҳам тавассути рӯзнома ба вазорат арзи сипос намоям, – гуфт Саноат Аҳадова, – хурсандӣ болои хурсандӣ аст, ки шогирдам, ғолиби озмуни зинаи ҷумҳурӣ Иззатуллоҳ Неъматов ба Донишгоҳи давлатии Самарқанд дохил шуд.

**– Чӣ сабаб шуд, ки шумо дил ба фанни забони тоҷикӣ бастед?**

– Шояд шумо аз ман беҳтару хубтар медонед, ки тоҷикон мардуми бостонии сарзамини Мовароуннаҳру Хуросон буда, дорои арзиши таърихи куҳан мебошанд. Ин мардуми ориёинажод баробари таърихи тӯлонӣ ва бостониро соҳиб будан, адабиёти ғаниву фарҳанги рангин доранд. Далели сершумори таърихӣ, манбаъшиносӣ, мардумшиносӣ, забоншиносӣ ва амсоли инҳо тасдиқ мекунанд, ки тамаддуни Шарқ аз Самарқанду Бухоро сарчашма гирифтааст.

Масалан, маҳаллаи Боғи Тилло сад фоиз тоҷиктаборанд ва ба ин забон гуфтугӯ доранд. Боз як гап. Аҳолии ноҳияи Самарқанд, ки атрофи шаҳрамонро ҳалқавор печонида гирифтааст, асосан тоҷикон мебошанд.

Далели раднопазир Кӯл, Шалғамон, Равонак, Девори кӯндаланг, Себзор, Чармгарӣ, Чил сутун, Боғи баланд, Сӯзангарон, Боғи Майдон ва зодгоҳи ман Боғи Тилло ва ғайра мебошанд. Таъкид намудан ҷоиз аст, ки дар ҳама гузару маҳаллаҳо китобхонаи оммавӣ арзи вуҷуд дошта, аксарияти адабиёт ба забони тоҷикӣ буданд. Мо он асарҳоро гирифта мутолиа мекардем.

Воқеан китобҳоро дар Тоҷикистон чоп карда, ба Самарқанду Бухоро, водии Фарғона меоварданд.

Ҳоло китобхона ҳаст, вале асарҳои гуногуни тоҷикӣ хеле кам. Хушбахтона, дар ин рӯзҳое, ки бо саъю талоши роҳбарони ду давлати ҳамсоя – Ӯзбекистон ва Тоҷикистон сарҳадҳо боз шудааст, кам бошад ҳам, китобҳои тоҷикӣ ба Самарқанд омада мерасанд.

Гарчанде синну соли ман ба ҷое расидааст, ҳамон китобҳои дарсӣ ва бадеиро пайваста варақ мезанам. Ба шогирдон борҳо ин байтҳоро такрор мекунам:

*Биёед, то забонро зинда дорем,*
*Ки бар оядагон иснод н-орем.*

Шоири ширинкаломи зиндаёд Салим Кенҷа низ байтҳои дилнишину гуворо доранд:

*Ҳар кӣ забон гум кунад,*
*Ному нишон гум кунад.*
*Шаъну шараф гум кунад,*
*Ёри чу ҷон гум кунад...*

Аммо нидои шоири ватанпарвар Лоиқи Шералӣ бояд шиори мо бошад:

*Заҳр бодо шири модар бар касе,*
*К-ӯ забони модарӣ гум кардааст!*

**– Муаллими азиз, ба фикри шумо мактаб чист ва омӯзгор кист?**

– Одам нашавад касе, магар аз мактаб, гуфтаанд Устод Садриддин Айнӣ.

Муаллим муҳандиси рӯҳияи инсон аст. Омузгор бояд чун машъалафрӯзони маърифат аз рӯи ихтисосҳои худ дониши қомусӣ ва кофӣ дошта бошад ва аз асрори фанҳои замонавӣ огоҳ бошад.

Солҳои охир бо сиёсати шарофати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлат ба мактаб ва шароити муаллимон диққату эътибори махсус медиҳанд, музди меҳнати мо сол ба сол зиёд мешавад. Ғамхорӣ аз ин зиёд нест.

Сӯҳбаторо **Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# ФЕСТИВАЛИ «САЙРИ ХАРБУЗА»

***Ин тадбир дар Бухоро аз соли 1996 ибтидо гирифта, имсол дафъаи 28-умини он ба амал омад.***
***18-19 июли соли ҷорӣ қалъаи «Арк»-и Бухоро намуди идона дошт. Дар ин ҷо фестивали анъанавии «Сайри харбуза» баргузор гардид. Дар он қариб 600 хоҷагии фермерии вилоят бо харбузаҳои пуршаҳду шакари навъҳои «Амирӣ», «Наботӣ», «Каллабӯрӣ», «Даҳбедӣ», «Шерозӣ», «Тошлоқӣ», «Гулобӣ», «Баргинаӣ», «Лӯбёӣ», «Бегзотӣ» ва ғайра иштирок намуда, дар давоми ду рӯз ба дасторхони шаҳриён қариб 10 ҳазор тонна тармеваи хушхӯр инъом карданд.***



Баробари ин, дар ин ҷо дар қатори харбузаю тарбуз савдои меваю сабзавот, маҳсулоти занбӯрпарварон низ ба роҳ монда шуд.

Барои иштироккунандагони ҳар як ноҳия пешбинӣ гардидани ҷою макон, намоиши барномаҳои дилкаши консертии дастаҳои ҳунарии фолклорӣ ба ҷашнвора шукӯҳу ҷозиба бахшид.

Дар охир деҳқонони фаъол ҳавасманд гардонда шуданд. Ғолибони номинатсияҳо: роҳбари хоҷагии фермерии «Абдураҳмонобод»-и ноҳияи Пешкӯ Абдухалил Раҳимов, роҳбари ҶММ «Султоналӣ Раҳмат интенсив боғ қурилиш»-и ноҳияи Пешкӯ Исмоил Бӯронов, роҳбари хоҷагии фермерии «Ҳайит Меҳмон пахтакор»-и ноҳияи Қарокӯл Тӯрақул Саидов, роҳбари хоҷагии фермерии «Шаҳзод Рауф»-и ноҳияи Қаровулбозор Учқун Ҷабборов, роҳбари хоҷагии фермерии «И. Ибрагимов»-и ноҳияи Олот Шамсиддин Ибрагимов, роҳбари хоҷагии фермерии «Боғи Ғаффор Қӯрғон саховати»-и ноҳияи Ромитан Фарҳод Азимов, роҳбари хоҷагии фермерии «Мурод Қурбонович»-и ноҳияи Шофиркон Меҳриддин Ҳомидов бо ташаккурномаҳои ҳокими вилоят ва туҳфаҳо сарафроз гардонда шуданд.

Фестивал бо гала-консерти устодони санъат ва ҳунарнамоии ҷавонони соҳибистеъдод поён ёфт.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Вақте дӯст медоред, мехоҳед кореро ба хотири ин дӯстдорӣ, яъне ишқ, анҷом бидиҳед. Мехоҳед як умр камари ҳиммат ба хидмат бандед, ҳатто, худро қурбон кунед.

**Эрнест ХЕМЕНГУЭЙ.**

Барои нобуд кардани фарҳанге китобҳоро сӯхтан шарт нест, ба ҷойи ин кифоя аст коре кунед, ки одамон китоб нахонанд.

**Рей БРЕДБЕРИ.**

Ҳеҷ гоҳ бохт насиби ман намегардад. Ё ғолиб мегардам ё чизеро меомӯзам.

**Конор МАКГРЕГОР.**

Касе, ки наметавонад биофарад, хароб кардан мехоҳад.

**Эрих ФРОММ.**

Агар ба шумо намоишкорона беэътиноӣ зоҳир намоянд, ин маънои онро дорад, ки ба шумо ҳусни таваҷҷӯҳ доранд.

**Генри Дэвид ТОРО.**

Назар ба дастболо шудан бо дурӯғ, сарбаландона таҳаммул кардани нокомӣ беҳтар аст.

**СОФОКЛ.**

Зиндагӣ супермаркети бузургест. Аз он ҳар чи хоҳӣ метавонӣ бигирӣ, вале фаромӯш накун, ки касса дар пеш аст, бояд ҳисобу китоб кунӣ.

**Ал-ПАЧЕНО.**

Тарҷума ва таҳияи
**А. СУБҲОН.**

*Варзиш*

# МУЗАФФАРИЯТИ ГУЛДУХТАРОН

***Мардуми деҳаи Пораштн ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах на танҳо аз соҳибдилони бомаърифати хеш, имрӯз бо тими футболбоздухтарони мактабашон низ ифтихор доранд. Варзиш, бахусус минифутбол деҳаро шуҳрат бахшидааст.***




Деҳаи Порашт рӯз то рӯз зебову обод мегардад. Дар назди мактаби рақами 13 аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Анорбой Файзиев майдончаи минифутбол бунёд шуда, ба истифода дода мешавад. Бунёди майдончаи минифутбол шавқу ҳаваси толибилмон ва ҷавонони деҳаро ба варзиш афзун намуд.

Мегӯянд, ки:

*Бе мураббӣ зери гардун*
*муътабар натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта-рафта чарх*
*оламгир кард.*

Мураббии ҷавон, омӯзгори тарбияи ҷисмонии мактаб Дилмурод Шарипов дар таъсиси тими футболбоздухтарон саҳм гирифт. Омӯзгори ҷавон бо падару модарони толибилмон аз наздик суҳбат гузаронида, соли хониши 2023-2024 тими «Футболбоздухтарон»-ро таъсис дода, ният карда буд, ки иштироки тими футболи мактабро дар мусобиқаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ таъмин намояд.

– Шавқу ҳаваси духтаронро ба футбол бедор намудам. Маҳфили футбол таъсис додам, ки тамринҳо пас аз дарс мунтазам гузаронида мешуд, — мегӯяд Дилмурод Шарипов.

Мураббии ҷавон байни ҷавонони 16-30 солаи деҳа машғулиятҳо гузаронида, мусобиқаҳо ташкил мекунад.

Барои иштирок дар мусобиқаи Ҷоми ХБД аз толибилмони синфҳои 10-11 дастаи мини футболи духтаронро ташкил кард. Тамринҳо аз духтарон шуҷоату заҳмати зиёдро талаб мекард. Духтарони пораштӣ соли аввали фаъолият дар даври ноҳиявӣ чор тими секторҳоро мағлуб намуда, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд.

Дар зинаи гурӯҳӣ ба тимҳои ноҳияҳои Зарбдор, Пахтакор ва Зомин ғолиб омада, ба чорякфинал роҳ ёфтанд. Дар ин зина бо футболбоздухтарони шаҳри Ҷиззах қувваозмоӣ намуда, ғолиб омаданд.

Бозии ниҳоии даври вилоятӣ бо тими пуртаҷриба ва ғолиби чандин мусобиқот – бо тими духтарони маҳаллаи Янгибӯстони ноҳияи Арнасой баргузор гардида, дар он арнасоиҳо пирӯз гардиданд. Духтарони пораштӣ дар ҷойи дуюм қарор гирифтанд. Бозӣ дар зинаи ниҳоӣ худ қаҳрамонӣ буд. Дарвозабони тими деҳаи Порашт Субҳидам Анорбоева беҳтарин дарвозабони вилояти Ҷиззах эътироф гардид.

– Мо аз мағлубият дар бозии ниҳоӣ дилмонда нашудаем. Бахри ислоҳи камбудиҳо чун аҳли як оила камар бастем. Мақсад гузоштем, ки соли равон дар мусобиқаи Ҷоми ХБД ширкат варзида, ба зинаи ҷумҳуриявӣ роҳхат мегирем. Аз ин рӯ, тамринҳоро боз ҳам муташаккилона гузаронидем. Ҳарчанд дар Порашт тамрингоҳи пӯшида надорем, дар фасли барфу борон, гармоҳои тобистон ҳам машқҳоро идома додем.

Мусобиқоти Ҷоми ХБД оғоз ёфт. Ба ҳайати тим 10 нафар беҳтаринҳоро интихоб намудем. Инҳо Паризод Амонова, Меҳринисо Абдуева, Субҳидам Анорбоева, Зуҳро Йӯлбарсова, Гулхан Қӯрғонова, Динора Зокирова, Дилноза Тӯймуродова, Фариштабону Ҳусанбоева, Рӯзигул Ҷумъабоева ва Гулсанам Ҳакимова мебошанд, — гуфт Дилмурод Шарипов.

Тими футболбоздухтарони Порашт дар ноҳия зинаи аввалро соҳиб шуда, ба даври вилоятӣ роҳхат гирифтанд. Бозии ниҳоиро боз бо ҳамон дастаи пурзӯри маҳаллаи Янгибӯстони ноҳияи Арнасой гузарониданд ва бо ҳисоби 2:1 ғолиб омада, ба мусобиқаи зинаи ҷумҳурӣ роҳхатро ба даст оварданд.

Ба мураббии ҷавон ва духтарони пораштӣ дар мусобиқаҳои минбаъда комёбиҳои беназир орзу дорем.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# ИНКИШОФИ МУНОСИБАТИ МУШТАРАК БАЙНИ РОҲБАРИ СИНФ ВА ПАДАРУ МОДАР

***Маълум аст, ки баланд бардоштани сифати таълим яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи таълими томактабӣ ва мактабӣ ба ҳисоб меравад. Барои баланд бардоштани сифати таълим муаллимон метавонанд аз ҳар гуна воситаҳои иттилоотӣ ва методӣ истифода баранд.***

Дар мактаб яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати таълим инкишофи муносибатҳои муштарак байни роҳбарони синф ва волидон мебошад. Мактаб на танҳо муассисаи таълиму тарбия, балки муҳити асосии инкишофи ҳаматарафаи хонандагон аст. Дар тарбияи хонанда иштироки на танҳо омӯзгор, балки волидон низ муҳим аст. Аз ин рӯ ҳамкории доимӣ ва самарабахши роҳбарони синф бо волидон гарави рушди бомуваффақияти хонанда мебошад.

Ҳамкории роҳбарони синф ва падару модарон маънои якҷоя муайян кардани тақдири хонандаро дорад. Имрӯз таҳкими робита бо волидон бо истифода аз воситаҳои рақамӣ яке аз вазифаҳои муҳим ба ҳисоб меравад.

Аммо дар айни замон дар ин соҳа баъзе муаммоҳо мавҷуданд. Чунончи, иштироки сусти волидайн дар ҳаёти мактаб, халалдор шудани мубодилаи иттилоот, эътимоди пасти ҳамдигар. Мутаассифона, бисёре аз волидайн аз ҳаёти мактаб берун мондаанд, ки ин ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ва раванди таълимии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад.

Тарбия на танҳо масъулияти мактаб ё оила аст, балки дар ин раванд иштироки фаъолонаи ҳар ду тарафро талаб мекунад. Аз ин рӯ, ин гуна ҳамкорӣ бояд доимӣ ва пай дар пай сурат гирад.

Бояд муносибати ҳамкориро бо роҳи ба мактаб ҷалб намудани падару модарон дар ҳар чоряк таҳти шиори «Як рӯз дар мактаб бо падару модарам», бо падару модарон ва хонандагон оид ба қоидаҳои дохили мактаб сӯҳбатҳо гузаронидан, бо падару модарони ҳар як синф дар мавзӯъҳои гуногун вохӯриҳо ташкил намудан, муҳити дӯстона ба вуҷуд овардан зарур аст.

Дар мактаби рақами 51-уми ноҳияи Шофиркон ҳамкорӣ бо падару модарон хуб ба роҳ монда шудааст. Аз ҷумла, дар чаҳорчӯби барномаи «90 рӯзи зарбдор», ки дар таътили тобистона бояд иҷро гардад, бахри ба маҳфилҳои мактабӣ ҷалб сохтани хонандагон волидон аз наздик кӯмак мерасонанд.

Инкишофи ҳамкории роҳбари синф ва падару модар на танҳо асоси дарс, балки тарбияи тамоми ҷомеа мебошад.

**Ғанӣ УМУРОВ,**
**муаллими мактаби рақами 51-уми ноҳияи Шофиркони вилояти Бухоро.**

# МУШТЗАНӢ ДАР МАЙДОНИ КУШОД

***Бори нахуст дар таърихи ҷумҳурӣ мусобиқаҳои боксчиёни касбӣ дар саҳнаи тобистонаи амфитеатри шаҳри Самарқанд баргузор гардид. Аз Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон муштзанҳо дар 13 вазн барои пирӯзӣ талош варзиданд.***



Хосатан баромади боксчии гаронвазн (145 кг) Эгамбердӣ Маҳкамови самарқандӣ диққату эътибори мухлисонро ба худ кашид. Дар раунди 7-ум ҳакам дасти соҳиби майдонро бардошт.

Инчунин, баромадҳои вакилони кишвари мо Файзулло Нарзуллоев, Акобир Мирзоев, Зафарҷон Ҳасанов низ ҷолиби диққат буд.

– Мақсад аз гузаронидани чунин мусобиқот пайдо кардани истеъдодҳои ноёб аст, – гуфт боксчии касбии Ӯзбекистон Шоҳҷаҳон Эргашев, – боиси хушнудист, ки солҳои охир бинобар сиёсати оқилона ва дурандешонаи сарвари давлатамон тамоми намудҳои варзиш, хосатан бокс ривоҷу равнақ меёбад. Далели раднопазир дар бозиҳои олимпии Париж – 2024 аз шоҳсуфаи баланд ҷой гирифтани муштзанҳои мамлакат аст.

Мусобиқот 4 соат тӯл кашида, ҳаводорони ин намуди варзиш аз баромади вакилони умедбахш таъбашон хушҳол гардид.

Ҷонишини ҳокими вилоят Рустам Қобилов ва ҳокими шаҳри Самарқанд Фазлиддин Умаров ба ғолибон тӯҳфаҳои хотиравӣ ва мукофотпулӣ супурданд.

Беҳтаринҳо минбаъд дар озмунҳои байналхалқии Русия ва Америко ширкат меварзанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*Овози тоҷик*
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-728.
Адади нашр 3689. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.